**Суратҷаласаи №3.2.**

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

аз 8 июли соли 2022 ш. Кӯлоб

**Иштирок доштанд:** Аз 15 нафар ҳайати Шурои диссертатсионӣ, 13 нафар иштирок доштанд. Аз ҷумла, 3 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, дотсент оид ба самти диссертатсияи баррасишаванда.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода шавад.

Пешниҳод якдилона қабул шуд.

**РӮЗНОМА:**

**1.** Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони навкори синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда

**ШУНИДА ШУД:** Гузориши раисикунанда, муовини раиси Шурои диссертатсионӣ Қурбонов А.Ш. ва узви комиссияи экспертӣ Шарипова О.П. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**БАРОМАД КАРДАНД:** д.и.ф., профессор Қурбонов А.Ш., ҷиҳати тағйирот ворид сохтан дар номи рисолаи баррасишаванда. Номбурда пешниҳод намуд, ки дар номи мавзуъ ба ҷойи калимаи навкор калимаи ҷавон навишта шуда, нақшаи рисолаи илмӣ таҷдиди назар карда шавад.

Сипас профессор Ҷумъахон Алимӣ баромад намуда, пешниҳоди болоро дастгирӣ намуд.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Дар асоси тавсияи ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002 ва ризоияти унвонҷӯ Давлатов Мирали Абдусамадович мавзуи рисолаи номзадии ӯ минбаъд чунин **номгузорӣ карда шавад:** «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ»;

2. Диссертатсияи Давлатов Мирали Абдусамадович дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули омодагии омӯзгорони ҷавони синфҳои ибтидоӣ ба муоширати педагогӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои **ҳимоя иҷозат** дода шавад;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **ва ба сифати муқарризони расмӣ: Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ва **Гулова Нажиба Абдулмажитовна** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара таъйин карда шаванд;

4. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад;

5. Рӯзи ҳимоя 30 сентябри соли 2022, соати 09:30 муайян карда шавад.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раисикунанда,
муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор — Қурбонов А.Ш.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ
н.и.п., дотсент — Рафиев С.А.

08.07.2022